«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Мӯминзода Ш.А. ____________
«_29_» _ноябри_______ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ № 4
## ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**аз «27» ноябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода Ш.Ю.**
**Котиб: н.и.ҳ., дотсент Абдуллоева М.К.**

**Иштирок доштанд:** Иштирок доштанд 19 нафар, 4 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 11 нафар номзадҳои илми ҳуқуқшиносӣ: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С., муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДҲБСТ д.и.т., профессор Ҳомидзода Ф.М., сардори раёсати илмӣ-тадқиқотӣ ва рушди инноватсионии ДДҲБСТ н.и.и., дотсент Асророва М., н.и.ҳ., муовини декан оид ба илм ва инноватсия Зиёбоева М.Н., н.и.ҳ., дотсент Ғаффорӣ Н.А., н.и.ҳ., дотсент Болтуев С.Ш., н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э., н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ., н.и.ҳ., дотсент Маннонзода Н.А., н.и.ҳ., дотсент Очилова Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М.А., н.и.ҳ., муаллими калон Иноятзода А.И., муаллимони калон Хонкилдиев М., Қаландарова М.Д., Баҳриддинзода З.Б., Кабирзода Г.Қ. ва Акмалзода А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи**

**он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мушовири илмӣ:** д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Шунида шуд:** оид ба масалаи мазкур Қаҳоров Насимҷон Мазбутович баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият, рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар шароити муосир, таъмини осоиштагии ҳаёти мардуми кишвар ва адолати иҷтимоӣ, ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути танзими боэътимоди ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми давлатдории муосир яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бинобар ин, сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ҳам бо мақсади амалӣ шудани принсипҳои конститутсионии адолати судӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, таъмини воқеиҷ кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва аз ғайриконунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодӣ ва таъқиби беасос дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ равона мешавад. Бинобар ин, дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи танзими ҳуқуқии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда шудааст, ки як қатор номутобиқатии меъёрҳои алоҳидаи мурофиавӣ бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиави ҷиноятӣ, ихтилофи муқарраротӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифи танзимкунандаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, ҳолатҳои нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар амалияи тафтишотию судӣ ҷой доранд, ки ба таъмини кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои

иштирокчиёни мурофиа монеаҳо эҷод мекунанд.

Дақиқ ва ҳадафнок иҷро нашудани тартиби баргузории мурофиаи судии ҷиноятӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ҳалли нодуруст ва ғайриқонунии масъалаҳои мурофиавӣ аз ҷониби суд дар марҳалаҳои тосудӣ бе иштироки тарафҳо, сатҳи нокифояи таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни маҷлиси суд, беасос маҳдуд шудани иштироки тарафҳо ва ҳатто ҳадди ваколатҳои суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, саривақт иҷро нашудани санадҳои судӣ то андозае мубрамияти таҳқиқоти мавзуи мазкурро афзун мекунанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ шуруъ аз асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мухтассари зинаҳои таърихии ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ, муқоисаи онҳо бо қоидаҳои муосири ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки акнун бо арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуну муҳтавои нав гирифтанд, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар таъмини адолати судӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 17 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфта, натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ ин омузиш ва таҳлили асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳалаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ; таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва пайвастагии онҳо бо асосҳои конститутсионии адолати судӣ;

таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва роҳҳои такмил дода шудани амалишавии онҳо; муайян кардан ва таҳлили мушкилоти амалияи судӣ, омилҳо, сабабу шароите, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд, коркарди хулосаҳо баҳри бартараф карда шудани онҳо; таҳқиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва қоидаҳои ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳадафи таҳқиқотро ташкил додаанд, ки натиҷаҳои он ба муайян кардани дурнамои рушди қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ, такмил дода шудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии шартҳои муҳокимаи судӣ, инчунин амалияи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар тақвияти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона мешаванд.

Барои расидан ба мақсадҳои зикршуда, ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– омузиши табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳалаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– таҳлили зинаҳои ташаккулёбии асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар Тоҷикистони муосир, раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва такмил ёфтани қоидаҳои муҳокимаи судӣ;

– таҳқиқи марҳалаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– муайян кардани манбаъҳои пайдоиш ва ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиаи судӣ ва даврабандии онҳо то замони муосир;

– омузиши мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани ҳамбастагии онҳо бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи мафҳум, қоида ва меъёрҳои мурофиавӣ, ки маҳаки шартҳои умумии муҳокимаи судиро ташкил додаанд;

– таҳқиқи шарти бевосита, шифоҳӣ ва ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– муайян кардани нақши мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муҳокимаи ошкоро ва пушидаи парвандаи ҷиноятӣ;

– баррасии шарти тағйирнопазирии ҳайати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд;

– таҳлили мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омузиши имкониятҳои мурофиавии судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ;

– муайян кардани ҳадди ваколати суд, судя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муаммоҳои амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили расмиёти муҳокимаи судӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳоти мурофиавӣ бо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ;

– муайян кардани омил, сабабу шароите, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд;

– таҳлили ҳуқуқии татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳалаҳои тосудӣ ва судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омузиши таҳқиқоти олимони давлатҳои хориҷӣ вобаста ба шартҳои баргузории муҳокимаи судӣ, ҷустуҷӯи самтҳои истифодаи таҷрибаи онҳо дар амалияи судии Тоҷикистон;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, мусоидат ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ;

– таҳқиқи роҳу воситаҳои бартараф намудани омилу монеаҳо дар амалияи судӣ, муайян кардани самтҳои беҳтар ва самаранок татбиқ кардани қоидаҳои баргузории мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба самтҳои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати амалияи судӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили таъмини адолат - ҳадаф ва мазмуни мурофиаи судиро ташкил дода, минбаъд самти ташаккули ҳуқукро муайян намуда, онро то сатҳи фарҳангӣ ва меъёрҳои расмии ҳуқуқии мурофиавӣ манзур намудааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки дар амалияи судӣ бинобар ҷой доштани ихтилофи баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ, нуқсони меъёрӣ дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, инчунин яклела ва дақиқ риоя, иҷро ва татбиқ нашудан ё нодурусту ғалат амалӣ шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории миллӣ, ҳимояи пурраи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ғайриимкон мегардад ё онҳо дучори маҳдудиятҳои беасос мешаванд, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои таъмини имкониятҳои иштироки тарафҳоро дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, риоя шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, аҳаммияти муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавиро дар ҳалли

қонунӣ, асоснок ва одилонаи ҳукм мавриди таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти фарогири илмӣ қарор диҳад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э., Иноятзода А.И., Абдуллоева М.К., Қобилов Б.Қ.ба Қаҳоров Н.М. саволҳо дода шуд, ки Қаҳоров Н.М. ҷавобҳои мукаммал дод.

Мушовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ Қаҳоров Н.М. суханронӣ намуд. Иброз дошт, ки қобилияти баланди эҷодӣ доштани Қахров Н.М. ба таҳқиқи рисолаи докторӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд. Таҳқиқоти илмӣ бо назардошти тағйиротҳо ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳо, натиҷаҳои амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сурат гирифтааст.

Бинобар ин, танзими ҳуқуқӣ ва ҳалли мушкилоти дар амалия ҷойдошта, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, тадқиқоти комплексии илмии сифатан нави ин мавзуро дар марҳилаи муосир ба миён овардааст, ки дар натиҷа нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад. Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст ба фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ

мебошад.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода Ш.Ю. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., ва д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С., ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсия д.и.т., профессор Ҳомидзода Ф.М. баромад намуда, ба диссертант тавсияҳои муфиди илмӣ дода, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Қаҳоров Н.М. дар тӯли таҳқиқоти худ 55 мақолаи илмӣ нашр карда аз он 18 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашр гардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ҷавобгуи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мебошад.

2. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., кори илмӣ- тахассусии анҷомёфта буда, мавзуъ ва мазмуни он ба шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо амалишавии Барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (2007-2021) ва Консепсияи сиёсати

ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Консепсияи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон робита дорад.

4. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 19 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи №4, аз «27» ноябри соли 2025.

**Раиси ҷаласа,**
**декани факултети ҳуқуқшиносии**
**ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Кенҷазода Ш.Ю.**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурории ДДҲБСТ** **Абдуллоева М.К.**

**Имзои Кенҷазода Ш.Ю. ва Абдуллоева М.К.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**"27" 11 с. 2025** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811